# 11 МЕЪЁРИ ХОЛГУЗОРӢ БА САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ

Ҷавоби дурусти ҳар саволу масъалаи тест (қисмҳои А ва Б) арзиш дорад, ки онро бо **хол** ҳисоб мекунанд. Дар низоми ИМД ба саволу масъалаи тест (вобаста аз шакли он) меъёри холгузорӣ муайян карда шудааст (***нигаред ба ҷадвали 11.1***).

Ҷадвали 11.1

**Меъёри холгузорӣ вобаста аз шакли саволу масъалаи тест**

| Р/т | Шакли саволу масъалаи тест | Хол |
|---|---|---|
| 1 | Бо интихоби як ҷавоби дуруст | 1 |
| 2 | Муайян кардани мувофиқат | 4 |
| 3 | Бо ҷавоби кӯтоҳ | 2 |

Чи тавре ки мебинед, барои ҷавоби дуруст ба саволу масъалаи шакли якум (бо интихоби як ҷавоби дуруст) **як хол** дода мешавад.

Барои ҳар ҷавоби дуруст ба савол ё масъалаи тести шакли дуюм, ки дар он муайян кардани мувофиқати чор унсур (калима, ибора, формула ва ғайра) аз панҷ гунаи ҷавобҳои пешниҳодшуда талаб карда мешавад, **якхолӣ** дода мешавад. Агар довталаб мувофиқати ҳамаи унсурҳоро (4-унсурӣ аз ду сутун) дуруст муайян кунад, соҳиби **чор хол** мешавад.

Дар **саволу масъалаи навъи кушода** гунаи ҷавоб пешниҳод карда намешавад ва онро худи довталаб ҳал карда, ҷавоби дурустро меёбад ва барои ҷавоби дуруст ба он **ду хол** дода мешавад.

Аз ***ҷадвалҳои 11.2 ва 11.3*** дар бораи шаклу миқдори саволу масъалаҳо ва шумораи имконпазири бештарини холҳо аз ҳар субтест дар доираи қисмҳои имтиҳон маълумот гирифтан мумкин аст.

Ҷадвали 11.2

**Миқдор, шакли саволу масъалаҳо ва шумораи имконпазири бештарини холҳо (ШИБХ)-и ҳар субтести қисми А**

| Р/т | Субтест | Миқдор ва шакли саволу масъалаҳо | | | | ШИБХ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | |
| | | | бо интихоби як ҷавоби дуруст | муайян кардани мувофиқат | бо ҷавоби кӯтоҳ | |
| 1 | Забони тоҷикӣ | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 2 | Адабиёти тоҷик | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 3 | Забон ва адабиёти рус | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 4 | Забони англисӣ | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 5 | Забони немисӣ | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 6 | Забони франсавӣ | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 7 | Забони арабӣ | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 8 | Таърих | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 9 | Ҳуқуқ | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 10 | Биология | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 11 | География | 26 | 20 | 4 | 2 | **40** |
| 12 | Математика | 27 | 18 | 2 | 7 | **40** |

| Р/т | Субтест | Миқдор ва шакли саволу масъалаҳо | | | | ШИБХ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | |
| | | | бо интихоби як ҷавоби дуруст | муайян кардани мувофиқат | бо ҷавоби кӯтоҳ | |
| 13 | Физика | 27 | 18 | 2 | 7 | **40** |
| 14 | Химия | 27 | 18 | 2 | 7 | **40** |

Ҷадвали 11.3

**Миқдор, шакли саволу масъалаҳо ва шумораи имконпазири бештарини холҳо (ШИБХ)-и ҳар субтести имтиҳони қисми Б**

| Р/т | Субтест | Миқдор ва шакли саволу масъалаҳо | | | | ШИБХ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | |
| | | | бо интихоби як ҷавоби дуруст | муайян кардани мувофиқат | бо ҷавоби кӯтоҳ | |
| 1 | Забони тоҷикӣ | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 2 | Адабиёти тоҷик | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 3 | Забони русӣ | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 4 | Забони англисӣ | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 5 | Забони немисӣ | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 6 | Забони франсавӣ | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 7 | Забони арабӣ | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 8 | Таърих | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 9 | Биология | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 10 | География | 21 | 15 | 4 | 2 | **35** |
| 11 | Математика | 23 | 17 | 3 | 3 | **35** |
| 12 | Физика | 23 | 17 | 3 | 3 | **35** |
| 13 | Химия | 23 | 17 | 3 | 3 | **35** |

!

**Довталаби гиромӣ!**

Ҷавоби саволу масъалаҳои тестро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи талаботу қоидаҳои муайяншуда, ки дар дастури китобчаи тест ва паси ин варақа оварда шуда, маъмури имтиҳон онро дар тахтаи синф низ нишон медиҳад, қайд кунед. Агар Шумо ба саволу масъалаҳои тест дуруст ҷавоб диҳеду аммо онҳоро мувофиқи талаботи муайяншуда қайд накунед (яъне, тарзи ишора ё навиштатон ғалат бошад), компютер посухҳои Шуморо ҳамчун ҷавоби ғалат қабул мекунад. Чунин ғалатҳо ба натиҷаи имтиҳонатон таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, тавсия медиҳем, ки дар имтиҳон ба масъалаҳои зерин ҷиддан диққат диҳед:

- пеш аз оғози иҷрои тест дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи пешниҳодшударо (“**Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам**.”) навишта, имзо гузоред ва дар варақа **рақами вариант (гуна)-и китобчаи тести худро қайд кунед**. Рақами варианти китобчаи тести Шумо бояд бо рақами ҷойи нишастатон дар синфхонаи имтиҳон ва рақами тартибии штрихкоди варақаи ҷавобҳоятон як бошад;
- аз вақти барои иҷрои тест муайяншуда самаранок истифода баред. Барои ин бояд вақтро дуруст тақсим кунед:
  - ҳар як саволу масъаларо бодиққат хонед;
  - агар ба дурустии ҷавобатон бовар дошта бошед, ҳамон лаҳза ҷавобро дар варақаи ҷавобҳои тест қайд кунед;
  - агар дар ҷавоби ягон савол ва ё ҳалли масъалае душворӣ кашед, саросема нашавед ва ба ҳаяҷон наомада, ба иҷрои тест давом диҳед. Пас аз ҷавоб додан ба савол ва ҳалли масъалаҳои осон ба саволу масъалаҳои бароятон душвор баргардед;
- ҷавоби ҳар саволу масъаларо бо риояи қоидаи пуркунии варақаи ҷавобҳо қайд кунед. Ҷавобҳои қайдкардаатон бояд равшану хоно бошад. Компютер ҳангоми хондани варақаи ҷавобҳо хатҳои норавшан, қайду ишораҳои беҷо (барзиёд) ё хатзада ва ё нодуруст гузоштаро ба ҳисоб намегирад, ки ин сабаби холи камтар гирифтани Шумо мешавад. **Баъди қайди ҷавобҳо ислоҳ кардани онҳо дар варақаи ҷавобҳо мумкин нест! Ҷавобҳои ислоҳшуда ба эътибор гирифта намешавад;**
- ҷавобҳои субтестро аз китобчаи тест ба қисмати барои ин субтест дахлдори варақаи ҷавобҳо кӯчонед. Агар довталаб ҷавобҳои як субтестро ба қисмати барои субтести дигар ҷудошудаи варақаи ҷавобҳо кӯчонад, ҷавобҳои ишорашуда дар қисмати барои субтести муайян ҷудошуда ҳамчун ҷавобҳои ҳамин субтест ҳисобида мешавад;
- агар тестро пеш аз вақти муайянгардида иҷро кунед, барои аз синфхона баромадан саросема нашавед. Барои бовар пайдо кардан ба дурустии кори худ бори дигар онро бисанҷед.